**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи “Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст**

Маълум аст, ки кори илмии анҷомдодаи Муҳсин Примов дорои як қатор навгониҳои назариявӣ мебошад. Пеш аз ҳама, муаллиф масъалаи ташаккули муносибати эҳтиёткорона ва масъулонаи хонандагон нисбат ба истифодаи компютер дар ҷараёни таълимро дар заминаи методологияи омӯзиши фанҳои мушаххас ба таври ҷиддӣ матраҳ намудааст. Ин мавқеъ дар адабиёти илмии то имрӯз мавриди пажӯҳиши мукаммал қарор нагирифта, барои бори аввал дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда мешавад.

Муаллиф бо такя ба таҳлили назарияҳои психологию педагогӣ ва таҷрибаи амалии мактабҳо, модели методии ташаккули муносибати арзишӣ ва эҳтиёткорона ба компютер-ро пешниҳод намудааст, ки дорои ҷанбаи инноватсионӣ мебошад. Ин модел имконият медиҳад, ки раванди таълими фанҳои марбут ба технологияҳои иттилоотӣ на танҳо ба донишу малакаи техникӣ маҳдуд гардад, балки ҷанбаи маърифатию ахлоқӣ ва фарҳангии истифодаи технология низ фаро гирифта шавад.

Аҳамияти назариявии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки он ба рушди методологияи умумии омӯзиши фанҳои технологӣ ва иттилоотӣ саҳм мегузорад. Муаллиф мафҳумҳои калидӣ, мисли «муносибати эҳтиёткорона», «масъулияти иттилоотӣ» ва «фарҳанги иттилоотӣ»-ро бо такя ба таҳқиқоти муосир бознигарӣ намуда, ба онҳо шарҳи илмӣ додааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки масъалаи мавриди назар дар

доираи васеътар – ҳамчун як бахши сиёсати маърифатию иҷтимоӣ арзёбӣ гардад.

Аҳамияти амалӣ ва амалии тадқиқот дар он зоҳир шудааст, ки пешниҳодҳои муаллиф дар омода кардани барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва роҳнамоҳо барои омӯзгорон истифода бурда мешаванд. Илова бар ин, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ба беҳтар гардидани сифати таълими фанҳои компютерӣ ва ташаккули фарҳанги иттилоотии хонандагон мусоидат мекунад.

Муаллиф таваҷҷуҳи махсусро ба зарурати шахсият ва маҳорати омӯзгор равона кардааст. Сифатҳои калидии омӯзгор, аз қабили диққатнокӣ, маҳорати ҷалб кардани хонандагон, муҳаббат ба фан, ҳунармандӣ, дилсӯзӣ, худназоратӣ, оромиву босалоатӣ ва маҳорати робита бо хонандагон ҳамчун омилҳои ҳалкунанда арзёбӣ шудаанд.

Ҳамчунин, компютерро на танҳо ҳамчун воситаи техникӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, равонӣ ва фарҳангӣ баррасӣ мекунад. Ин равиши ҳамгироёна тадқиқотро хусусияти мукаммал ва бисёрсамта медиҳад, ки ҳамҷониба ба таҳлили масъалаи истифодаи компютер ва ташаккули муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълим равона мебошад.

Муаллиф асосҳои методии истифодаи компютерро бо равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ҳамоҳанг сохта, ба таври систематикӣ таҳлил намудааст. Саҳми шахсии муҳассил дар он ифода меёбад, ки барои аввалин бор амсилакунонии равишҳои педагогӣ дар контексти омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ таҳлилу тартиб дода шудааст.

Амсилаи коркард намудаи унвонҷӯ ҳамчун амсилаи назариявӣ ва амалии асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар таълими технологияи иттилоотӣ арзиши баланд дорад. Муаллиф бо истифодаи принсипҳои педагогии гуманистӣ, инфиродӣ, шахсӣ-шиносоӣ ва фарҳангшиносӣ на

танҳо назарияро таҳлил мекунад, балки ҷиҳатҳои татбиқии онро низ бо роҳи блокбандӣ ва систематикӣ пешниҳод намудааст. Ин матолиби ҷолиб барои кор бо фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ хеле муфид мебошад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи КОА, "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ва шиносномаи ихтисос комилан мувофиқ мебошад. Сохтор ва муҳтавои он равшан, пайдарпай ва систематикӣ буда, ҳадаф, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқотро мушаххас менамояд, методология ва роҳҳои татбиқи онҳо, аз ҷумла усулҳои амсилакунонӣ ва истифодаи компютер дар беҳтаргардонии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон ба таври илмӣ таҳлилу баррасӣ шудааст.

Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад, зеро ӯ дар кори худ масоили назариявӣ ва амалӣ доир ба истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотиро систематикӣ ва таҳлил намуда, асосҳои методӣ ва принципҳои педагогии ин равишҳоро мукаммал пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои кор дорои арзиши назариявӣ ва татбиқӣ буда, барои рушду такомули таълимоти муосири педагогӣ аҳамияти назаррас доранд.

Муқарриз:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири
кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Аминзода М.С.
04.10.2025.

"Имзои дотсент М.С. Аминзодаро тасдиқ мекунам"
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Муминова Д.М.